# ҲАМОИШИ ТАНТАНАВӢ БАХШИДА БА РӮЗИ ЗАБОНИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА РӮЗИ ОМӮЗГОРОН

Дар Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон 4-уми октябри соли 2025 ҳамоиши тантанавӣ бахшида ба Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Рӯзи омӯзгорон баргузор гардид. Ҳамоишро Ниёзӣ Сироҷиддин – директори муассиса ҳусни оғоз бахшида, иброз намуд, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар тули солҳои соҳибистиқлолӣ пайваста барои болоравии мақоми забони давлатӣ, рушди фарҳанг, илму маориф ва баланд бардоштани сатҳи касбияти омӯзгорон ғамхории пайваста зоҳир менамоянд. Ба шарофати сиёсати забонпарваронаи Сарвари давлат, имрӯз забони тоҷикӣ ба ҳайси забони ягонаи давлатӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва илмӣ мавқеи устувор пайдо намудааст. Директори муассиса таъкид кард, ки забон на танҳо воситаи муошират, балки рукни асосии давлатдорӣ ва пояи худшиносии миллӣ мебошад. Дар ҳамин замина, нақши омӯзгор дар тарғибу ташвиқи забони давлатӣ, бедории фикрии насли наврас ва тақвияти арзишҳои фарҳангиву маънавӣ басо бузург аст. Дар рафти чорабинӣ Диловар Нурматов – масъули маҷаллаи «Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф» дар мавзуи «Мақоми забони тоҷикӣ дар даврони Истиқлол» ва Холмуҳаммад Бобоёров – ходими калони илмии шуъбаи таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ дар мавзуи «Омӯзгор: меъмори фардои миллат» баромад намуданд. Дар идома, инчунин ходимони илмии муассиса доир ба масъалаҳои марбут ба иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатӣ», ҳамчунин роҳҳои ҷалби бештари омӯзгорон ба таҳқиқоти илмӣ ва фаъолияти эҷодӣ ибрози андеша намуданд. Дар анҷоми чорабинӣ аз тарафи роҳбарияти муассиса ба як қатор кормандони фаъоли пажӯҳишгоҳ «Сипоснома»-ҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон,

«Ифтихорнома»-и Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мукофотҳои дигар супорида шуд.























